**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи «Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология). Душанбе, 2024.**

Диссертатсияи Ҳанифа Шодибековна Дарвозиева дар мавзуи «Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон» ба ихтисоси мардумшиносӣ, этнология ва антропология комилан мувофиқат намуда, оид ба мавзуи мазкур дар таърихнигорӣ ва этнография то кунун таҳқиқоти алоҳида анҷом дода нашудааст ва диссертатсияи мазкур дар ин самт аввалин таҳқиқоте мебошад, ки дар он дар асоси маъхазҳо, таҳқиқоти олимони соҳа ва маводи таҳқиқоти саҳроӣ масъалаи мазкур баррасӣ гардидааст. Аз ин рӯ, нуктаҳои илмие, ки ба дифоъ пешниҳод гардидаанд, илман асоснок мебошанд.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, номгӯйи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи манбаъвии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, муқаррароти ба дифоъ пешниҳодшуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудааст.

Боби аввали диссертатсия *«Ҳисоби вақт ва идҳои тақвимӣ-анъанавӣ»* ном дошта, дар он проблемаҳои таърих ва ҷуғрофияи Рушон, тақвим, ҷашну маросимҳои анъанавии сокинони ноҳияи мазкур баррасӣ гардидаанд. Дар боби дуюми диссертатсия *«Ҷашну маросимҳо вобаста ба хоҷагидорӣ»* ҷашну маросимҳои кишоварзӣ ва чорводорӣ омӯхта шудаанд. Боби сеюми диссертатсия *«Маросимҳои доираи ҳаётии мардуми Рушон»* бошад ба ҷашну маросимҳо дар алоқамандӣ ба тарбияи кӯдак, маросимҳои тӯйёна, маросимҳои азодории мардуми Рушон бахшида шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй оварда шудаанд.

Ҳамин тавр, таҳлили автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки хулосаҳо ва тавсияҳое, ки унвонҷӯй пешниҳод кардааст, дар асоси маъхазҳо, таҳқиқоти саҳроӣ ва адабиёти илмӣ буда, онҳо хислати навгонӣ доранд. Аз ин лиҳоз, сохтор ва мундариҷаи диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи *«Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон»* ба талаботи бандҳои 31 – 35 -и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 бо таъғиру иловаҳо аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори фалсафа аз рӯйи**
**ихтисоси таърихи ватанӣ,**
**дотсенти кафедраи таърих**
**ва методикаи таълми они**
**Донишкади омӯзгории Тоҷикистон**
**дар ноҳияи Рашт** **Махсудов А.М.**

**Имзои Махсудов А.М.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси**
**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон**
**дар ноҳияи Рашт** **Шодизода Н.М.**

«24» 05 2024

**Суроға:** 735455 шаҳраки Ғарм, кӯчаи Э.Муҳиддинов 63,
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт
Телефон: (992) (8) 313121101; 98 5022982
E-mail: asliddin.maxsudov.92@mail.ru